*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-14 назди Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14).*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзӯи “Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити кунунӣ истифодаи самаранок ва дурусти сарватҳои табиӣ яке аз омилҳои муҳимтарини пешбурди иқтисодиёт ва фаъолияти хоҷагидории минтақа ба ҳисоб меравад. Агар ин сарватҳо дуруст ба роҳ монда нашаванд, онҳо на танҳо барои рушди иқтисодӣ судманд намегарданд, балки метавонанд ба муҳити зист зарари ҷиддӣ расонанд.

Истифодаи нодуруст ва ғайриоқилонаи сарватҳои табиӣ метавонад боиси вайроншавии биосфера ва ба миён омадани ҳолатҳои набинишаванда гардад. Ҳамзамон, чунин муносибат татбиқи афзалиятҳои стратегии кишварро душвор месозад. Аз ин рӯ, идоракунии дуруст ва азхудкунии босамари сарватҳои табиӣ яке аз самтҳои калидӣ барои таъмини рушди устувор ва пешрафти минбаъдаи иқтисоди миллӣ ба шумор меравад.

Дар автореферати диссертатсия қайд мегардад, ки иқтидори табиӣ, ки сарчашмаи асосии баланд бардоштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад, масъалаи мубрами сиёсати иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Иқтидори табиии минтақа ба захираҳои хос, ландшафтҳо ва муҳитҳои мавҷуда дахл дорад ва дар сурати самаранок истифода бурдани онҳо метавонанд ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа мусоидат кунанд (саҳ.14).

Иқтидори калони минтақа дар сурати истифодаи дуруст ба дигар омилҳои муҳими фаъолияти хоҷагидорӣ аз қабили иқтидори иқтисодиву иҷтимоии минтақа, таъсири калон расонида метавонад.Иқтидори истеҳсоливу саноатӣ бошад, имрӯз аз истифодаи оқилона ва ҳамоҳангии дигар соҳаҳои муҳими иқтисодӣ, махсусан аз истифодаи самараноки сарватҳо дар минтақа алоқамандӣ дорад.

Муаллиф махсусан қайд менамояд, ки истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ аз омилҳи гуногун пеш аз ҳама аз ҷори намудани технологияи муосир барои коркарди захираҳои табиӣ, маблағгузории инфрасохтори минтақа ва инчунин маблағгузорӣ аз сарчашмаҳои гуногун вобастагии калон дорад. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки вобаста ба сатҳи истифодабари истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ афзоиш додан мумкин мебошад.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки дар заминаи истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ минтақаи Хатлон қодир аст, ки вилоятро ба яке аз ҷойҳои тараққикарда табдил дода, сатҳи накӯаҳолиро боз ҳам баланд намояд. Албатта, дар раванди истифодабарии сарватҳои табиӣ дар баробари мавҷудияти имкониятҳои васеъ мушкилотҳои зиёд низ ба миён меоянд, ки дуруст ва оқилона онҳоро идора кардан ба натиҷаҳои дилхоҳи иқтисодӣ оварда мерасонад (саҳ.16).

Қайд гардидааст, ки пешгирии таъсироти манфӣ ба муҳити зист дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти сабз яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Таъмини бехатарии экологӣ пеш аз ҳама, маҳз дар заминаи ҳифзи муҳити зист имконпазир мегардад.

Ҳифзи муҳити зист ва бартараф намудани мушкилотҳои экологӣ дар навбати худ барои таҳкими рушди муносибатҳои истеҳсолӣ, пеш аз ҳама дар истеҳсолоти маҳсулоти баландсифати экологӣ дар минтақаи Хатлон заминаи хуби иқтисодӣ мегузорад (саҳ.21).

Дар баробари нуқтаҳои муҳими илман асоснокбуда, баъзе камбудиҳо низ дар автореферат ба назар мерасанд.

1. Сатҳи илмии автореферат боз ҳам баландтар мешуд мешуд агар муаллиф нақшаҳои мушаххаси марҳилавӣ барои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ пешниҳод мекард.

2. Дар қисматҳои алоҳидаи матн такрори баъзе фикрҳо мушоҳида мешавад, ки бо таҳрири сабук онҳоро бартараф намудан мумкин мебошад.

Албатта, камбудиҳои зикршуда на он қадар ҷиддӣ буда, арзиши илмии авторефератро паст карда наметавонанд.

Диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзӯи “Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи система ва технологияи
иттилоотии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Алиқулов А.Р.

Имзои Алиқулов А.Р.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Абдуназаров А.Ҷ.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Н Қарабоев 63/3
Тел: (+992) 988393838
E-mail: alisher.alikulov.80@ mail.ru